родно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества. – М.: Весь мир, 2014. – 384 с.; Ҳамон муаллиф. Стратегическое партнерство Таджикистана (РТ) и Китая (КНР): международно-политические, экономические и гуманитарные измерения: дис. ... д-ра полит. наук. – Москва, 2014. – 349 с.; Алимов Р.К. 25 қадам дар паҳнои олам / зери таҳрири умумии С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.

[48] Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана (статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч). – Душанбе: Офсет, 2009. – 352 с.; Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии давлати тозаистиқлол // Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 278; Ҳамон муаллиф. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня: : в 2-х т. Т.1 / Под общ. ред. Х. Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 296 с.; Зарифи Х., Сатторов А. Таджикистан – Китай: становление государственной границы: история и современность / Под общ. ред. акад. Т.Н. Назарова. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 704 с. и др.

[49] Каримов О. История таджикской дипломатии (введение в учебный курс). Вып. 1 / О. Каримов, Х. Холджураев, А. Мирбабаев. – Худжанд: ТГУПБП, 2008. – 352 с.

[50] Холикназаров Х. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика – сотрудничество во имя развития (сборник статей 2009-2012 гг.). – Душанбе, 2012. – 169 с.; Хамон муаллиф. Значение года председательства Республики Таджикистан в ШОС для дальнейшего развития этой организации (09.2013 -09.2014) // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. Серия филологии и гуманитарных наук. – 2015. – № 1 (62-2). – С. 3-9.; Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничества (1996-2014 гг.): дис. ... д-ра ист. наук. – Душанбе, 2015. – 357 с.; Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничества (1996-2014 гг.): автореф. дис. ... д-ра ист. наук. – Душанбе, 2015. – 49 с.

[51]Бобохонов М.Б. Сиёсати хориҷӣ. – Душанбе, 1996. – 240 с.

[52] Маҳмадов П..А. Тоҷикистон – Чин дар масири шарикии стратегӣ (Маҷмуи мақолаҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ). – Душанбе: Андалеб-Р, 2013. – 152 с.; Махмадов П., Шарифи А. Таджикистан и Китай: стратегическое сотрудничество в современный период // Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН Республики Таджикистан. – 2017. – № 3. – С. 90-94.

[53] Нуриддинов Р.Ш. Место и роль России в формировании новой геополитической системы в странах Среднего Востока: монография. – Новосибирск: СибАГС, 2009. – 168 с.; Ҳамон муаллиф. Некоторые вопросы становления внешней политики Республики Таджикистан в годы независимости // Внешняя политика (научно-теоретический и информационный журнал МИД РТ). – 2016. – № 1. – С. 68-84 и др.

[54] Курбонова З.М. Таджикистан – Китай: становление государственной границы // Азия и Африка сегодня. – М., 2009. – № 4 (621). – С. 42-44; Курбонова З.М. Политические аспекты процесса урегулирования государственной границы между Таджикистаном и Китаем: дис. ... канд. полит. наук. – Москва, 2009. – 143 с.

[55] Дубовицкий В.В. История формирования системы геополитических взаимоотношений России и Средней Азии в период 1700-2002 гг.: автореф. дис. ...д-ра ист. наук. – Душанбе, 2004. – 43 с.

[56] Саидов З. Внешняя политика Президента Э. Рахмонова. – Душанбе: Авасто, 2000. – 176 с.; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. (1992-2005). – Душанбе, 2006. – 560 с.; Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004). – Душанбе, 2010. – 446 с.; Саидов З. Актуальные вопросы внешнеполитического механизма и международной деятельности Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. – Душанбе, 2012; Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики: монография. – 7-е, доп. изд. – Душанбе: Контраст, 2014. – 636 с.; Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». – Душанбе: Контраст, 2015. – 346 с.; Сайидзода З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

туллоев[58], Н.М. Мирзоев[59], А.А. Шарифзода[60], Ш.Ш. Шарифов[61], Г.М. Майтдинова[62] ва дигаронро махсусан зикр кардан бамаврид аст. Муаллифони мазкур дар асарҳои худ асосан ба масъалаҳо ва хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи муносибатхои дипломатии Тоҷикистон ва Чин диққат додаанд. Аз таҳлили осори зикршуда бармеояд, ки дар онҳо масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Маҳз аз ҳамин хотир муаллифи рисола ба ин мавзуи барои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон хеле актуалӣ ва мураккаб – таҳқиқи муқоисавию ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон рӯ оварда, кӯшиш кардааст, ки ин холигии илми ҳуқуқи Тоҷикистонро бартараф намояд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи амалисозии барномаи илмии дурнамои кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон –«Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» (барои солҳои 2016-2020) ва «Мушкилоти назариявӣ ва амалии низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (барои солҳои 2021-2025) омода карда шудааст. Тадқиқоти гузаронидашуда ба манфиатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, ба рушди ҳамкориҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин ҳамчун шарикони стратегӣ дар доираи СҲШ ва кишварҳои дӯст мусоидат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-муқоисавии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар пасманзари амиқтар шудани равандҳои ҳамгироӣ мебошад.

---

[57] Самиев Х.Д. Роль института Конфуция в расширении гуманитарного сотрудничества Китая с Таджикистаном. // Вестник ТНУ. – 2019. – № 10-1. – С. 30-37.

[58] Рахматуллоев Э.Р. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии. – М.: ЗАО «АСТИ-Издат», Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова, 2007. – 407 с.

[59] Мирзоев Н.М. Становление и развитие взаимоотношений Таджикистана с сопредельными странами Зарубежного Востока (1945-1997 гг.): дис... д-ра ист. наук. – Душанбе, 1998. – 306 с.; Мирзоев Н.М. Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай / Мирзоев Н.М., Сангинов Д.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – № 9. – С. 131-135; Мирзоев Н.М. Густариши ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар даврони навин // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. – № 6. – С. 162-169.

[60] Ниг.: См.: Шарипов А.А. Эмомали Рахмонов – наш Президент. – Душанбе, 2006. – 324 с.; Шарипов А., Фаттоев С. Эмомали Рахмонов: Начало этапа созидания (Внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2000-2003 гг.). – Душанбе: Деваштич, 2006. – 330 с.; Шарипов А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.; Шарипов А. Эмомали Рахмонов: Год культуры мира (Внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2005 году). – Душанбе: Ирфон, 2011. – 455 с.; Шарифзода А.А. Тоҷики оламшумул. / Салимов Н.Ю., Шарифзода А.А. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.; Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат. – Душанбе, 2012. – 320 с.

[61] Шарипов Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991-2008 гг.): автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2010. – 22 с.

[62] Майтдинова Г.М. Геополитическая динамика в постсоветской Центральной Евразии в начале второго десятилетия XXI века // Известия УрФУ. Сер. 3: Общественные науки. – 2013. – № 2 (118). – С. 36-45.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта мешавад:

- омӯхтан ва мушаххас кардани дастгоҳи консептуалии мавзуи тадқиқоти рисола;
- таҳқиқи мафҳумҳои низоми ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқ ва оилаҳои ҳуқуқӣ;
- таҳлили таносуби низоми ҳуқуқӣ бо низоми ҳуқуқ ва оилаи ҳуқуқӣ дар заминаи мансубияти низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва ҶХХ ба оилаҳои ҳуқуқӣ;
- омӯхтани мафҳумҳо, сохтор ва хусусиятҳои низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин;
- муайян намудани умумият ва хусусиятҳои низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон дар давраи қадим, асрҳои миёна ва давраи нав;
- таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавии низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва махсус дар инкишофи онҳо;
- омӯзиши низомҳои ҳуқуқ ва қонунгузории Тоҷикистон ва Чин, сарчашмаҳои ҳуқуқ дар Чин ва Тоҷикистон;
- таҳлили муқоисавии вазъи ҳуқуқии шахс дар низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин;
- асосноккунии тамоюли рушди низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ;
- муайян намудани дараҷаи таъсири ҷаҳонишавӣ ба тамоюлҳои рушди низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон;
- мушаххас кардани нақш ва аҳамияти СҲШ дар рушд ва муайян кардани дурнамои ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти тадқиқот муносибатҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки дар доираи ҳамкории низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи тадқиқот аз мафҳумҳо, категорияҳо, ҳукмҳо ва дигар сохторҳои ҳуқуқе иборат мебошанд, ки дар доираи таҳлили муқоисавии ҳуқуқии низоми ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доранд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Кори диссертатсионии мазкур давраҳои гуногуни таърихи ду кишварро то соли 2022-ро дар бар мегирад. Таҳқиқоти мазкур солҳои 2017 – 2023 гузаронида шудааст, ки дар ин давра муаллифи рисолаи номзадӣ ба ҳайси ассистент ва баъдан (аз соли 2021) ба ҳайси унвонҷӯи Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, солҳои 2022-2023 таҳсил ва таҷрибаомӯзиро дар Донишгоҳи Шарқии Чин дар Шанхайи гузаронидааст ва дар он ҷо рисолаи магистрии худро дар бахши алоҳидаи ин мавзуъ бо забони чинӣ бомуваффақият дифоъ кардааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ муаллиф ба дастовардҳои дорои хусусияти назариявӣ ва методологӣ такя намудааст. Дастоврадҳои мазкур, ки паҳлӯҳои муайяни ин масъаларо равшан мекунанд дар пажӯҳишҳои илмии Ю.Е. Аврутин, А.Я. Азаров, С.С. Алексеев, З. Ализода, У.А. Азиззода, П.В. Анисимов, Л. Антонова, М.И. Байтина, А.А., Бережнова, И., Бобоҷонзода, Э.Б. Буризода, Ҷ.М. Зоир, Ш.К. Ғаюрзода, А.Д. Ғафурзода, З.Ҳ. Искан-

даров, А.Д. Бойков, Н.С. Витрук, Л.Д. Воеводин, Л.И. Глухарев, В.Е. Гулиев, А.Д. Гусев, Р Давид, А.М. Диноршоҳ, К. Жоффре-Спинози, В.М. Капитсин, В.А. Карташкин, В.А. Кикот, С.А. Комаров, И.А. Крусс, В.Н. Кудрявсев, О.Е. Кутафин, В.А. Кучинский, В.В. Лазарев, В.З. Лукашевич, Е.А. Лукашева, А.В. Малко, О.Е. Малейн, Е.Г. Мартинчик, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, М.А. Маҳмудзода, А.С. Мордовец, Э.С. Насриддинзода, В.С. Нерсесянс, Т.Н. Радко, М.З. Раҳимзода, Ф.М. Рудинский, В.А. Рибаков, А.Х. Саидов, В.Н. Салников, В.Н. Синюков, Л.С. Сирих, А.В. Стремоухов, В.А. Туманов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, И.Е. Филиппов, А.В. Хованская, Е.Н. Хазов, Г.Г. Черемних, В.Е. Чиркин, В.М. Чхиквадзе, Р.Ш. Шарофзода ва бисёр дигар муаллифони ватаниву хориҷӣ инъикос ёфтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар навиштани рисолаи илмӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси маърифат истифода шудаанд. Муаллиф усули диалектикиро ба роҳбарӣ гирифта, шароитҳои объективии ташаккули ниҳодҳои ҳуқуқиро дар таърихи ҳуқуқи тоҷикон ва чиниҳо ҳамчун натиҷаи раванди объективии инкишофи ҷамъият дар шароити якранги иҷтимоию иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва иқлимӣ баррасӣ намуда, ақидаҳои субъективии ҳуқуқию ахлоқии ин халқҳоро ҳамчун вижагии хоси зуҳури тафаккури ҳуқуқӣ ба инобат гирифтааст. Таҳлили муқоисавӣ, ки аз ҷониби муаллифи рисола васеъ истифода шудааст, имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва мушаххаси рушди низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин амиқ ва ҳамаҷониба муаррифӣ шуда, самтҳои дурусти рушди ояндаи ҳамкориҳои байни онҳо ҳамчун аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай пешниҳод карда шавад.

Усулҳои хусусии илмӣ ба муаллиф имкон доданд, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи рисоларо таҳлил кунад. Дар байни онҳо усули ҳуқуқӣ-муқоисавӣ ҷойгоҳи хоса дорад, ки дар асоси он таҳлили муқоисавии ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Усулҳои мантиқӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангию тамаддунӣ низ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ (таҷрибавӣ)-и тадқиқот**ро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, мавод ва ҳуҷҷатҳои Котиботи СҲШ, муқаррароти илмию назариявии тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи амалияи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, фалсафаи ҳуқуқ, психологияи ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки муаллиф бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чинро дар заминаи ҳамгироии ҳуқуқӣ масъалагузорӣ кардааст. Натиҷаҳои илмии тадқиқот, ки навоварии илмии онро собит мекунанд, дар доираи таҳлилҳои зерин асоснок карда мешаванд:

- низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва оилаи ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои хоси онҳо нисбат ба ҳуқуқи амалкунанда ва воқеияти ҳуқуқии ду кишвари дӯст омӯхта шуд;

- мафҳуми низоми ҳуқуқӣ ва робитаи он бо низоми ҳуқуқ ва оилаи ҳуқуқӣ омӯхта, мансубияти низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин ба оилаҳои ҳуқуқӣ муайян карда шуд, унсурҳо, сохторҳо ва хусусиятҳои низомҳои ҳуқуқии Точикистон ва ҶХЧ дар ҷараёни таърих таҳлил шуда, низомҳои ҳуқуқӣ ва оилаҳои ҳуқуқӣ бо назардошти воқеияти ҳуқуқии чиниву тоҷикӣ тасниф карда шуданд;

- ҷиҳатҳои умумӣ ва вижагиҳои хос дар низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон дар замонҳои қадим, асрҳои миёна ва замони ҳозира муайян карда шуда, таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавии низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин гузаронида шуд, умумият ва вижагиҳо дар рушди ҳуқуқи тоҷикон ва чиниҳо муайян карда шуданд;

- умумиятҳо ва вижагиҳо дар мазмуни низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ таҳқиқ шуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии назариявӣ ва амалии низоми ҳуқуқ, низомҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории Тоҷикистону Чин, сарчашмаҳои ҳуқуқ дар Чин ва Точикистон анҷом дода шуд ва дар ин замина тафовутҳо ва муқаррароти умумии онҳо мушаххас карда шуданд;

- таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахс дар низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин гузаронида шуда, тамоюли рушди низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар шароити ҷаҳонишавӣ, роҳҳо ва механизмҳои ҳамгироии ҳуқуқӣ таҳлил ва муайян карда шуданд;

- омилҳои таъсири ҷаҳонишавӣ ба тамоюлҳои рушди низоми ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон муайян гардида, нақш ва аҳамияти СҲШ дар дурнамои рушди ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин муайян карда шудаанд.

Навоварии кор инчунин дар хулосаҳои инфиродӣ ва тавсияҳои амалӣ вобаста ба масъалаҳои муосири низоми ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ дар ҷанбаи муқоисавӣ таҷассум ёфтааст. Зимни омӯзиши назария ва амалияи равандҳои ҳамгироии ҳуқуқии байни ду мардуми дӯст пешниҳодҳои мушаххас, инчунин тавсияҳои алоҳидаи амалӣ оид ба беҳтар намудани ҳамкориҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин дар чаҳорчӯби СҲШ таҳия карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта бо чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда собит карда шудаанл:

1. Низоми ҳуқуқии давлати миллӣ маҷмӯи унсурҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки бо ин ё он тарз бо давлат ё ҷамъияти муайян алоқаманд буда, бо шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии этноси алоҳида, дар шароити имрӯз бошад – бо миллати соҳибдавлат робитаи гусастанашвандаи айниятӣ дорад. Низоми ҳуқуқ ҳамчун сохтор ва ҳолати қисмҳои ҳуқуқ, ба сифати падидаи танзимкунандаи иҷтимоӣ баромад менамояд[63]. Истилоҳи «низоми ҳуқуқӣ» ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд ва бо ҳам амалкунанда, сарчашмаҳои ҳуқуқ, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд, низоми мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ҳуқуқро амалӣ намуда, ҳолати сифатии ташкили ҳуқуқии ҷамъияти мушаххасро ифода мекунанд, муайян карда мешавад. Низоми ҳуқуқӣ бо воқеияти ҳуқуқии як давлати мушаххас алоқаманд аст. Низоми ҳуқуқ бошад, ин сохтори дохилии ҳуқуқ ҳамчун танзимгари иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Низоми ҳуқуқ дар умум ба назарияи фаҳмиши ҳуқуқ ва мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқ низ вобаста аст. Сохтори ҳуқуқии давлати муайян хусусиятҳои низоми ҳуқуқии давлати ягонаи миллиро инъикос мекунад. Ин низом ба анъанаи ҳуқуқ ва мансубияти он ба як оилаи ҳуқуқии мушаххас низ иртибот дорад.

[63] Холиков Н.А. Ещё раз к вопросу о правовой системе, системе права и правовой семье // Правовая жизнь. – 2022. – № 3 (39). – С. 190-205.

Ҳамин тариқ, ҳангоми инъикоси падидаҳои ҳуқуқӣ ва воқеияти ҳуқуқӣ бояд байни мафҳумҳо ва ҳудуди чунин ниҳодҳо, аз қабили низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, оилаи ҳуқуқӣ ва анъанаи ҳуқуқ ба таври қатъӣ фарқ гузошта шавад. Агар мафҳумҳои «низоми ҳуқуқ» ва «анъанаи ҳуқуқ» ҷанбаҳои соф назариявӣ ва моддии ҳуқуқфаҳмӣ дошта бошанд, пас категорияҳои «низоми ҳуқуқӣ» ва «оилаи ҳуқуқӣ» ба ғайр аз ин унсурҳои сирф назариявӣ, фаҳмиши ҷуғрофӣ ва тамаддуниро низ дар бар мегиранд.

2. Ҳуқуқи муосир бо низомҳои ғайриодии омехтаи ҳуқуқӣ шинос аст, ки дар доираи онҳо анъанаҳои мухталифу таззодманди ҳуқуқии оилаҳои гуногуни ҳуқуқ ба таври оқилона, мавзун ва мусоид бо ҳам амал мекунанд. Инҳо низомҳои ҳуқуқии баъзе давлатҳои собиқ шӯравӣ мебошанд, ки дар онҳо унсурҳои ҳуқуқи сотсиалистӣ, ки асосан ба шуури ҳуқуқии сотсиалистӣ марбутанд, дар соҳаҳои иҷтимоии муносибатҳои ҷамъиятӣ васеъ нигоҳ дошта мешаванд, дар ҳоле ки дар соҳаҳои иқтисодӣ ва савдо тамоюли ҳаракат ба муносибатҳои бозорӣ фаъол мушоҳида мешаванд. Ҳардуи ин тамоюлҳо дар як давлат ба рушди низоми ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Ҷаҳони муосир ба арзишҳои демократӣ ва таҷрибаи таърихии халқҳои мушаххас такя намуда, ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ ислоҳоти худро ворид мекунад. Аммо баъзе тафовутҳо ва унсурҳои алоҳидаи ҳуқуқии оилаҳои ҳуқуқии гуногун дар доираи принсипҳои умумии сохти нави давлатӣ, бе вайрон кардани анъанаҳои шаклҳои идоракунӣ ва сохти давлатӣ низ муттаҳид мешаванд. Ин равия шакли олии таҳаммулпазирии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба ташкили шаклҳои иқтисодӣ мебошад. Чин мисоли барҷастаи ин раванд аст. «Як кишвар, ду низом» (аз вожаҳои *чинӣ:* – 國兩制 (анъанавӣ), 国两制 (содакардашуда) ва guó liǎng zhì) идеяест, ки дар ибтидои солҳои 1980-ум аз ҷониби Дэн Сяопин – роҳбари онвақтаи Ҷумҳурии Мардумии Чин пешниҳод шуда буд. Мувофиқи ин ғоя дар низоми сиёсии мамлакат бояд дигаргуниҳои калон ба амал меомаданд. Дэн Сяопин сенарияи тараққиётро пешниҳод кард, ки дар он ду низоми иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Чини ягона – низоми сармоядорӣ дар Гонконг, Макао ва Тайван ва низоми сотсиалистӣ – дар тамоми қаламрави боқимондаи ҶХЧ мебоист «бо ҳам ором ва мавзун зиндагӣ кунанд». Тибқи ин пешниҳод Тайван метавонист низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва молиявии худро, аз ҷумла ҳуқуқи бастани созишномаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои дигарро нигоҳ дорад ва дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳуқуқҳои мушаххас ба даст орад.

Ин давлат ду низом дорад, ки ба ҳамдигар тамоман мувофиқ нестанд ва ба арзишҳои гуногун асос ёфтаанд. Хусусияти асосии ин сиёсати чандир ва низоми ҳуқуқии таҳаммулмеҳвар дар он аст, ки чиниҳо ҳамчун як халқи қадима, ки дар гаҳвораи фалсафаи Конфутсий, Лао-тсзи ва дигар орифону мутафаккирони бузурги Шарқ ба воя расидаанд, тавонистанд дар раванди муосири бархӯрдҳои тамаддунҳои фарҳангӣ роҳу воситаҳои ба манфиати умум мувофиқ ва ҳамоҳанг сохтани принсипҳои гуногуни ташкили ҳаёти ҷамъиятро пайдо кунанд.

3. Муқоисаи манзараи низомҳои ҳуқуқии кишварҳои ҷаҳон, ки дар асар пешниҳод шудааст, имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун як падидаи умумӣ дар паҳнои ҳуқуқ бо доштани қобилияти зиндагии давлатҳои ҷаҳон муаррифи менамояд, дида бароем ва дар баробари ин ҳар кадоми онҳоро бо хусусияту хислатҳои хосашон, ки умуман олами ҳуқуқро гуногунранг месозанд, фаҳм

намоем. Омӯзиши ҳар яке аз ин низомҳои ҳуқуқӣ ҳамчун объекти алоҳидаи таҳқиқот бисёр омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ, тамаддуниро ошкор мекунад ва дар баробари омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низомҳои ҳуқуқӣ истиқлол ва соҳибихтиёрии ҳокимияти сиёсии халқу миллатҳои алоҳидаро таъмин менамояд. Бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ, муқоисаи як низоми ҳуқуқӣ бо дигар низоми ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки дар онҳо чунин хислату хусусиятҳои наверо ошкор намоем, ки ба ҳамаи низомҳои ҳуқуқӣ хос нестанд. Навъи ҳуқуқи сотсиалистӣ ҳам ба Чин ва ҳам ба Тоҷикистон шинос аст. Тоҷикистон аз ҳаракатҳои инқилобии солҳои 1918-1919 дар Хуҷанд ва Инқилоби Бухорои соли 1920 сар карда, ба фазои ҳуқуқи сотсиалистӣ дохил шуд. Бо ташкил ёфтани Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924 ва баъдтар, дар соли 1929 ташкил ёфтани Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон низоми ҳуқуқии Тоҷикистон расман хамчун субъекти мустақили давлати шӯравӣ ба фазои ҳуқуқи сотсиалистӣ ворид шуд. Дар доираи ин низоми ҳуқуқӣ 4 Конститутсияи типи шӯравӣ – солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 қабул карда шуд. Ҳуқуқи типи сотсиалистӣ дар Тоҷикистон марҳилаҳои ҳуқуқи диктатураи пролетариат, ҳуқуқи меҳнаткашон, ҳуқуқи халқро паси сар кардааст.

Дар Чин ячейкаи коммунистии партияи сиёсии Гоминдан ҳанӯз соли 1921 ташкил карда шуда буд, вале ба амал баровардани идеяҳои сотиализм ва ҳуқуқи сотсиалистӣ дар соли 1949 бо истиқлолияти давлатиро ба даст овардани ин кишвар сар шуд.

4. Чиниҳо дар таърих назари худро оид ба пайдоиши ҳуқуқ ба таври хоса ташаккул додаанд. Фарзандони Осмон ва пайравони Буддо, тарафдорони Конфутсий ва Лао-тсзи табиати пайдоиши ҳуқуқро ба таври хеле ба худ хос таҳлил ва баррасӣ мекарданд. Дар Чини қадим тақсимоти аниқи соҳаҳои дониши илмӣ вуҷуд надошт, давлат нақши чандон ҳам назаррас намебозид, қувва ва воситаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ низ ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҳам ҷудо нашуда буд ва барои ифодаи низоми судӣ (法), қонун (律） ва ҷазо (刑) мафҳумҳои ба ҳам монанд истифода мешуданд. «Умуман дар ҳуқуқфаҳмӣ ва адолатфаҳмии мардуми чинӣ унсурҳои динӣ ва ҳуқуқӣ, таълимоти ирфон ва файласуфони қадим таъсир гузоштаанд. Муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба рушди онҳо ҳамлаҳои Шарқу Ғарб монеъ шуда буданд, низ дар ин ҷо нақши худро бозиданд. Дарки фалсафию маънавии ҷаҳон, ҳуқуқ ва воқеият дар Чин таърихи тӯлонӣ дорад. Аён аст, ки чун дар дигар тамаддунҳои қадим, илми фалсафа дар Чини қадим тамоми дигар соҳаҳои илмро муттаҳид кардааст. Ба ҳамин тариқ муаллифи аввалин ҳуқуқи статутии Чин, ки дар деги сепояи қурбонии Дин навишта шудааст, файласуф Тзи Чан шуморида мешавад. Яке аз хусусиятҳои ҳуқуқи Чини қадим дар он аст, ки сарчашмаи он дар давраи ҳукмронии императорҳо (ибтидои ҳазораи 1 милодӣ) асосан таълимоти гуногуни фалсафӣ ва таълимоти ҳуқуқӣ, дар паҳнои таълимоти – даосизм, конфутсий ва ғ., зуҳур мекарданд. Дар он қарнҳо дар қаламрави Тоҷистони таърихӣ ҳуқуқи зардуштӣ амал мекард. Ҳам ҳуқуқи императории Чин ва ҳам ҳуқуқи зардуштӣ, ки низомҳои ҳуқуқии замони қадим буданд, умумияти зиёд доштанд, ки ин ба воқеиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳувияти ҳуқуқии тоҷикон ва чиниҳои қадим вобаста буд.

5. Амалияи қонунгузорӣ дар минтақаҳои махсуси маъмурии Чин хусусиятҳои хоси худро дорад. Қонунҳои дар онҳо қабулшуда бо мақсади тасдиқи минбаъда ба мақомотҳои марказии давлатӣ пешниҳод карда намешаванд, ба шарте ки онҳо ба Қонуни асосии идоракунии минтақаҳо мувофиқ бошанд. Чунин қонунҳо сарфи назар аз тасдиқи онҳо эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Дар баробари ин, Маҷлиси намояндагони халқ ҳамчун мақоми олии қонунгузор ваколати рад кардани қонунҳоеро, ки ба Қонуни асосӣ мухолифанд, нигоҳ медорад. Ғайр аз ин, худидоракунии маҳаллӣ, ки онро Қонуни асосии идоракунии минтақаҳо кафолат додааст, дар ноҳияҳои махсуси маъмурӣ нигоҳ дошта мешавад. Аз ин лиҳоз, ин қонунҳо ҳамчун як конститутсияи хурд шарҳ дода мешаванд. Фаъолияти қонунгузорӣ дар минтақаҳои маъмурӣ дар асоси тақсимоти ваколатҳо байни мақомоти марказӣ ва худидоракунӣ сурат мегирад. Дар он инчунин масъулияти мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ дар татбиқи сиёсати андоз, асъорӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст.

6. Мафҳуми «қонунгузорӣ»-ро метавон ба маънои васеъ – ҳамчун ҷараёни эҷод ва интишори меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ё ба маънои маҳдуд – ҳамчун раванди эҷоди танҳо санадҳои қонунгузорӣ маънидод кард. Дар ин росто, муқоисаи мақомоти қонунгузори Тоҷикистон ва Чин ҷолиб аст. Ҳамин тариқ, дар доираи фаҳмиши васеи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин мақомоти зерини қонунгузор амал мекунанд: Конгресси Умумичинии Намояндагони Халқ – мақоми олии қонунгузор мебошад, ки ваколатдор оид ба ворид намудани тағйирот ба Конститутсия, қонунҳои асосӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маданӣ (шаҳрвандӣ, гражданӣ) мебошад; Шӯрои Давлатӣ – мақоми олии ҳокимияти маъмурӣ, ки барои қабули қонунҳои маъмурӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор шудааст; вазирон, комиссияҳо ва идораҳое, ки дар таҳти назорати Шӯрои Давлатӣ амал мекунанд ва барои қабули дастуру фармонҳо ваколатдор карда шудаанд.

7. Тоҷикон ва чиниҳо халқҳои шарқӣ ҳастанд, вале ҳаёти ҳуқуқии онҳо вобаста ба шароитҳои гуногуни таърихӣ, динӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ҳамеша хусусиятҳои хоси худро дошт. Чунин ҷудошавии ҳаёти ҳуқуқии ин халқҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқ ва раванди қонунгузорӣ дар Чин ва Тоҷикистон асари муайяне гузоштааст. Ин вижагиҳо дар ҷаҳонбинии мутафаккирони Тоҷикистони бостонӣ ва асримиёнагӣ ва дар чаҳорчӯби оини зардуштӣ ва ислом зоҳир мешаванд.

Дар навбати худ, хусусиятҳое, ки ба низоми ҳуқуқии Чин ранги миллӣ мебахшанд, ба таълимоти маънавии конфутсий ва даосизм, манфиатҳои империяҳои бузурги қадим ва асрҳои миёна вобаста буданд.

Сарфи назар аз вижагиҳои низомҳои ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии ин халқҳо, онҳо дар масъалаҳои ҳуқуқфаҳмӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ умумиятҳои зиёде доранд. Умумияти сарчашмаҳои ҳуқуқ ва якхела будани механизмҳои қонунбарории ҳарду давлатро метавон ба то як андоза монанд будани равандҳои таърихӣ, мавҷудияти арзишҳои умумибашарии ба ҳамаи халқҳо хос шарҳ дод. Равандҳои таърихии Тоҷикистон ва Чин дар давраи ҳукмронии Кушониён дар қаламрави Тоҷикистон ва паҳн шудани дини буддоӣ ба таври равшан ба ҳамдигар таъсиргузор буданд. Қисман эҳёи чунин таъсири мутақобила дар давраи истилои муғулҳо мушоҳида шуд, ки унсурҳои алоҳидаи анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳуқуқии маҳаллӣ зери

таъсири истилогарон намуди зоҳирии худро то як андоза табдил дода, зуҳуроти нав пайдо карданд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии Чини сотсиалистӣ махсусан ба ҳам мувофиқ ва ҳамоҳанг буданд.

8. Унсурҳои ҳуқуқии ҳамоҳанги шуури ҳуқуқии халқҳои Чин ва Тоҷикистон ҳам дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва ҳам дар заминаи мансубияти онҳо ба анъанаҳои шарқӣ зоҳир мешаванд. Ҳам тоҷикон ва ҳам чиниҳо давлатҳои қадим ва асримиёнагии худро бар пояи арзишҳои ҳуқуқии умумибашарӣ бунёд кардаанд, ки аз ҷониби онҳо таҳия гардида, баъдан аз тарафи дигар халқу давлатҳо пазируфта шудаанд. Ҳамин тариқ, робитаҳои ҳуқуқӣ дар доираи омӯзиши Эъломияи Куруши Кабир ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқии ҷаҳони қадим ба роҳ монда шуд. Наздикии шуури ҳуқуқии халқҳои Чин ва Тоҷикистон дар заминаи инъикоси арзишҳои ахлоқӣ, ки дар асоси муқоиса унсури пурракунандаи фарҳанги ҳуқуқии тоҷикон ва чиниҳо мебошанд, равшан зоҳир мегардад. Маҳз дар асоси ҳамин унсурҳои умумии шуури ҳуқуқӣ бисёр сарчашмаҳои ҳуқуқии ҳамоҳанг ба вуҷуд омада ва қабул гардидаанд.

9. Ҳангоми муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахс қонунгузории Чин ва қонунгузории Тоҷикистон фарқиятҳои зерин доранд: а) ҳуқуқӣ – техникӣ ва б) мазмунӣ. Зери мафҳуми тафовутҳои ҳуқуқӣ – техникӣ фарқиятҳои меъёрҳои ҳуқуқие, ки вазъи ҳуқуқии шахси воқеиро танзим мекунанд, фаҳмида мешавад. Масалан, меъёрҳое, ки мақоми ҳуқуқии шахсро дар чаҳорчӯби Конститутсияи Чин муқаррар мекунанд, бар хилофи қонунгузории Тоҷикистон бо аломатҳои расмӣ (берунӣ) равшан нишон дода шудаанд. Ҳар як муқаррароти Конститутсияи Чин мувофиқи қоидаҳои тарҳи беруна таҳия шудааст. Ба инҳо, масалан, м. 33 – «Шаҳрвандӣ, баробарӣ», м. 34 – «Ҳуқуқи интихобот ва баробарӣ», м. 35 – «Озодии матбуот ва ҷамъомад», м. 36 – «Дин» ва ғайра шомил мешаванд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби дуюм сарлавҳаи ҳар як модда ин ё он намуди ҳуқуқи фардиро ифода мекунад. Ба шарофати ҳамин моҳияти ин меъёр ҳангоми мутолиаи матни Конститутсия фавран равшан мегардад. Дигар фарқияти муҳими расмӣ дар он аст, ки қисмҳои алоҳидаи моддаи Конститутсияи Чин, ки аз як банд зиёданд, бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Дар қонунгузории Тоҷикистон рақамгузории қисмҳои модда талаботи асосии техникаи қонунгузорӣ ба ҳисоб намеравад.

Инчунин фарқиятҳои асосии зерин мавҷуданд.

А) Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии шахс дар доираи тафовути ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд муқаррар карда шудааст; Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷои асосиро мақоми ҳуқуқии шаҳрвандон ишғол мекунад.

В) Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муқаррар намудани шаҳрвандии кӯдак барои волидайн ва кӯдакони ноболиғ имкониятҳои бештар муқаррар менамояд. Ин ба хотири муттаҳид намудани онҳо дар низоми миллии ҳуқуқ ва пешгирии афзоиши шумораи шахсони бешаҳрванд дар заминаи ҳалли мушкилоти субъектҳои созмонҳои байналмилалӣ анҷом дода мешавад. Дар ҶХЧ бошад, дар сурати ба амал баровардани принсипи хок (*лот.*: Jus soli (юс соли) – «ҳуқуқи замин» – ҳуқуқи касби шаҳрвандӣ) маҳдудиятҳои муайян мавҷуданд. Бо назардошти шумораи аҳолии Чин ва имконоти ҷуғрофии кишвар, ин маҳдудиятҳо

мантиқӣ ба назар мерасанд. Тоҷикистон ҳамчун давлати демократии ҳуқуқбунёд ин мушкилотро дар заминаи консепсияи фарқи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи шаҳрванд ҳал мекунад.

C) Таҳлили вазъи ҳуқуқии шахс мутобиқи қонунҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХЧ аз мавҷудияти унсурҳои зиёди мусбӣ дар қонунгузории ҳар ду кишвар шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи ҳар кадоми онҳоро дар танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахс бой гардонида метавонанд. Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо механизми махсуси танзими вазъи ҳуқуқии шахс дар сатҳи таъсиррасонии мафҳумӣ, робитаи сабабҳои раванди тағйири мақоми шахси бешаҳрванд, шахсе, ки шаҳрвандии давлати хориҷӣ дорад ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ҳам ба самти шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба самти шаҳрвандии давлати хориҷӣ фарқ мекунад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми танзими ворид намудани меъёрҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ки дар амалияи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин тамоман ба назар намерасад. Дар хусуси Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин бошад, қайд кардан ба маврид аст, ки ба вай фишурдагӣ, дақиқӣ ва меъёрнокии равшан хос аст. Ҳама моддаҳо чунон равшан ва мушаххас навишта шудаанд, ки ҳар як калима ё ибора ҷузъи механизми ҳуқуқӣ ва институти ҳуқуқи муайян мебошад. Ин муқаррарот танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсро хеле нарм мекунад.

D) Илова ба ҷанбаҳои мусбати зикршуда дар қонунгузории ҳарду кишвар нуктаҳои носаҳеҳ ва нопурра муайяншуда мавҷуданд, ки далелҳои иловагӣ ва эродҳои коршиносонро тақозо мекунанд. Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои гуногуни қабул ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ҳудуди истиқомат, забон, мавҷуд набудани таъқиби ҷиноятӣ) муқаррар кардааст. Аммо мушаххас нест, ки барои қабул шудан ба шаҳрвандӣ чанд далел лозим аст. Ин савол кушода боқӣ мемонад. Асосҳои қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масалан, бинобар бекор кардани қарор дар бораи қабул ба шаҳрвандӣ низ духӯра маънидод карда мешаванд. Саволе ба миён меояд: аз кадом лаҳза маҳрум шудан аз шаҳрвандӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад? Яъне, дар ин маврид принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ – аз лаҳзаи қабули қарори ибтидоӣ ё қонуни конститутсионӣ – аз лаҳзаи қабули қарори дуюм татбиқ мешаванд. Илми ҳуқуқ ин мушкилотро ба таври худ ҳал мекунад, аммо амалияи ҳуқуқӣ механизми одилонаи ҳуқуқии ҳалли масъаларо талаб мекунад.

10. Аз таҳлили ҳуҷҷатҳои сомонаи Котиботи СҲШ бармеояд, ки дар давраи фаъолияти СҲШ (солҳои 2001-2022) аз ҷониби мақомоти олии ин созмон 133 шартнома ва баёнияҳои оммавӣ қабул шудааст, ки дар онҳо мақсад ва вазифаҳои низомҳои ҳуқуқӣ ҳам ба танзими дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ дахл доранд. СҲШ як созмони байналМардумии фаъоли сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад ва ҳадафу вазифаҳои глобалӣ дорад, ки барои ҷаҳони Ғарб хос нестанд. Ҳуқуқшиносон хуб медонанд, ки барои омодасозӣ ва тарғиби як санади байналмиллалӣ ва мувофиқа кардани он бо тамоми кишварҳои дигари узви СҲШ чӣ қадар вақт лозим аст. Сарфи назар аз ин, СҲШ ҳамасола аз 4 то 9 эъломия, изҳорот ё шартнома қабул мекунад, ки дар онҳо ба дӯши аъзои ин созмон масъулияти муайяни ҳуқуқӣ гузошта мешавад. Ҳамаи ин ба низомҳои ҳуқуқии онҳо таъсир мерасонад ва зимнан таъсири му-

тақобилаи онҳоро шиддат ва афзунӣ мебахшад. Илова бар бастани созишномаҳои гуногуни тиҷоратӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таълимӣ ва сирф ҳуқуқӣ, ҳамгироии ҳуқуқии СҲШ аз ҷиҳати мазмун, дар заминаҳои тамоман дигар низ идома дорад.

Дар маҷмуъ, самтҳои ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чинро дар доираи СҲШ метавон ба таври зерин тасниф кард: а) аз рӯи заминаи ҳуқуқӣ; б) аз рӯи самтҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии СҲШ; в) оид ба субъектҳои қабули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ; г) аз рӯи намудҳои меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; д) мувофиқи дараҷаи фаъол шудани аъзоёни СҲШ дар созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафа.

Аз рӯи мазмун ва асосҳои ҳуқуқӣ шартномаҳо ва баёнияҳоро метавон ба тиҷоратӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, маориф, молиявӣ, сармоягузорӣ, ҳуқуқӣ ҷудо кард. Аз рӯи доираи амалкард санадҳои ҳуқуқии марбут ба ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо хатару чолишҳои байналмилалӣ, дар соҳаи танзими мушкилоти дохилӣ мавҷуданд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои аҳамияти байналмилалии СҲШ аз рӯи субъектҳои қабули онҳо ба санадҳои ҳуқуқие тақсим мешаванд, ки аз ҷониби Шӯрои сарони давлатҳо, Шӯрои сарони ҳукуматҳо, Шӯрои ҳамоҳангсозони миллӣ, котиботи СҲШ, Комиҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ қабул карда шудаанд. Санадҳои ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалӣ аз рӯи намудашон фарқ карда мешаванд: оиннома, эъломия, баёнияи муштарак, баёния, нақшаи чорабиниҳо ва ғайра. Дараҷаи фаъол шудани аъзои СҲШ метавонад ҳангоми бастани созишномаҳои шарикӣ дар асоси боварӣ баррасӣ шавад.

11. Интегратсияи низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин бо роҳҳои зерин инкишоф мёебад: – а) зери таъсири санадҳои умумии ҳуқуқию меъёрии аз ҷониби мақомоти олии СҲШ қабулшуда; б) тавассути узвияти Тоҷикистон ва Чин дар дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки СҲШ бо онҳо робита дорад; в) бо роҳи бастани созишномаҳои дутарафаи тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар созишномаҳои байни ин ду давлат; г) бо роҳи бастани созишномаҳои байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

12. Ба наздикшавии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин инҳо мусоидат мекунанд: а) хотираи таърихии ду халқи дӯст, ки фарҳангу анъанаҳои онҳо дар тӯли таърих борҳо ба ҳамдигар таъсир гузоштаанд; б) шабоҳати тафаккури мардуми ин давлатҳо, бо ин далел, ки оинҳо ва таълимоти Конфутсий ва Зардушт, оини буддоӣ ва мазҳаби ҳанафии исломӣ аз пайравони худ риояи арзишҳои адолат, ростгӯӣ, хирад, ростқавлӣ, муносибати нек бо ҳамсоя ва бахшоиши гуноҳҳоро талаб мекунанд; в) садоқат ба марксизм ва ленинизм дар марҳилаи муайяни таърих; г) ниятҳои неки роҳбарони сиёсӣ ва боварии халқҳо.

Заминаҳои ҳуқуқии ҳамгироии ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин инҳоянд: а) Конститутсияҳои Тоҷикистон ва Чин, ки принсипҳои ҳамкории байналмилалиро дар бар мегиранд; б) принсипҳои асосии хамкории байналхалқӣ, ки дар санадҳои ҳуқуқии ҳар ду давлат пешбинӣ шудаанд; в) рӯҳияи «панҷгонаи Шанхай», ки заминаи ҳамкориҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чинро гузоштааст; г) имкониятҳои СҲШ ҳамчун созмоне, ки ҳадаф ва вазифаҳои рушди давлатҳоро дар рӯҳияи дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ муттаҳид мекунад; д) созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи

дорои хусусияти гуногун байни Тоҷикистон ва Чин; е) узвият дар ҳамон як ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ; ж) имзо кардан ва тасдик кардани ҳамон як пактҳо, конвенсияҳо ва декларатсияҳои байналхалқӣ.

**Дар рафти тадқиқот муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ таҳия кардааст**:

1. Таҷрибаи қабули қонунҳо оид ба баъзе муносибатҳои ҳуқуқии камаҳамият ба инкишофи пурмазмуни низомҳои ҳуқуқӣ мусоидат намекунад. Дар асоси ин дарояндаи наздик дар асоси даҳҳо санадҳои қонунгузории алоҳидаи соҳаҳо ва соҳаҳои танзими ҳуқуқӣ қабули кодексҳо оид ба маориф, ҳуқуқи интихобот, экология ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст.

2. Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» - ро вобаста ба қабули санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав дида баромада, барои таҳияи қонунҳо маҳдудиятҳои қатъии меъёрӣ муқаррар карда шавад. Моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Қонун санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор қатъиян бо тартиби муқарраргардида қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Қонун дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар ду хониш қабул карда мешавад».

3. Дар заминаи Гурӯҳи дӯстии вакилони порлумонҳои Тоҷикистон ва Чин як гурӯҳи ташаббускор оид ба омӯзиши техникаи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мисоли санади алоҳидаи қонунгузорӣ таъсис дода шавад.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷумлаи ҳуқуқшиносони байналмилалӣ ва мутахассисони забони чинӣ, дар вазорату идораҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағи ҳамкории онҳо бо шарикони чинӣ дар як сол зиёда аз 50 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, шӯъбаҳои махсуси байналмилалии ҳуқуқӣ – ташкилӣ, ки аз ҳисоби сармоягузориҳо маблағгузорӣ мешаванд, таъсис дода шаванд.

5. Барои фаъолонатар инкишоф додани ҳамкориҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон курсҳои махсуси омӯзиши низоми ҳуқуқии Чин дар кафедраи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ ва факултети муносибатҳои байналМардумии ДМТ ва дар яке аз донишгоҳҳои пешрафтаи ҶХЧ курсҳои омӯзиши низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ташкил карда шаванд.

6. Талаботи моддаҳои 15 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» ва ҳалли масъалаи ихтилофи назарҳо дар дарки талаботи онро аз нав дида баромадан зарур аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои маҷмуӣ, ки ба омузиши низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин мусоидат мекунанд, муайян намудани хусусиятҳои аз ҷиҳати назариявӣ муҳими умумӣ ва фарққунандаи ҳуқуқи ду миллати дӯст дар давраи ҳозираи инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ зоҳир мегардад. Бо дарназардошти маълумоти нав, ки дар муқарраротва хулосаҳо мураттаб шудаанд, кори рисолаи мазкур на танҳо асосҳои назариявии равандҳои ҳамгироии давлатҳои дӯстро таҳия ва мустаҳкам менамояд, балки назарияи умумии ҳуқуқро бо донишҳои нави консептуалии соҳаи ҳуқуқшиносӣ оид ба низомҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои онҳо дар ҷаҳони муосир ғанӣ мегардонад.

Хулосаҳои таҳқиқоти рисола ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии муаллиф метавонанд дар раванди такмили санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии ду кишвари дӯст истифода шаванд. Муқаррарот ва хулосаҳои алоҳидаи рисоларо ҳангоми ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар таҳияи васоити таълимӣ ва методии таълими назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқи муқоисавӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳо бо интихоби усулҳои таҳқиқоти маводи илмии назариявӣ ва амалӣ, таҳлили воқеияти ҳуқуқӣ ва заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чин, муайян намудани робитаи низоми ҳуқуқии давлатҳои аъзои СҲШ дар партави шартномаҳо, созишномаҳо ва дигар ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва Чин, дарки омилҳои ҳамгироии низомҳои ҳуқуқӣ, муайян кардани нақши равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ташаккули низомҳои ҳуқуқӣ, таъйин ва таҳияи механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити таъсисёбии ташкилотҳои нави байналхалқӣ ва минтақавӣ асоснок карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия барои дарёфти унвони илмӣ бо хулосаҳо ва муқарраротi илмӣ, тавсияҳои амалӣ, муносибати муаллиф ба бисёр масъалаҳои мубрами ҳамгироии низоми ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон, инчунин коркард ва таҳлили миқдори зиёди мавод дар доираи мавзуи рисола ва асарҳои таълифнамудаи унвонҷӯ муайян карда мешавад. Тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона анҷом дода шуда, хулосаҳо, ҷамъбастҳо, муқаррарот ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои дисертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Баъзе ҷанбаҳои таърихии рисола аз ҷониби муаллиф ҳамчун кори магистрӣ бо забони чинӣ таҳти роҳбарии профессори ҳуқуқ Гун Ру Фу дар Донишгоҳи Чини Шарқӣ дар Шанхайи Чин дар соли 2023 дифоъ карда шудааст. Баъзе муқаррарот ва хулосаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ низ дар конференсияҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, ки дар онҳо муаллиф маърӯзаҳо кардааст, санҷида шудаанд, аз ҷумла:

**а) дар конференсияҳои байналмилалӣ:**

- Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳҳо ва дурнамо» Мавзуи маърӯза: «Соҳибихтиёрии давлат ва халқ: таносуби озодиҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, - 2019;

- Форуми байналмилалии илмии ҷавонон «Ломоносов-2020». Мавзуи маъруза: «Хусусиятхои умумии низоми ҳуқуқии Чин», - Москва. -2020.

**б) дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:**

- Конфронси илмӣ-амалӣ «Проблемаҳои назариявии татбиқи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Мавзуи маърӯза: «Ҳуқуқу озодиҳои хусусӣ ва коллективӣ дар паҳнои истиқлолияти давлатӣ». – Душанбе, - 2020;

- Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ». Мавзуи маърӯза: «Хусусиятҳои умумии низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон» - Душанбе, - 2021.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи рисола 1 монография, 12 мақолаи илмӣ чоп шудаанд, аз ҷумла 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ матраҳ ва таълиф шуда, мундариҷаи он аз муқаддима, се боб (ҳашт параграф), хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда, таълифот оид ба мавзӯи рисола ва замима иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 236 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок, дараҷаи омузиши илмии он таҳлил, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он муайян гардида, навгонии илмии он асоснок, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда муаррифӣ, хулосаҳо, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола мушаххас шуда, роҷеъ ба тасдиқи натиҷаҳои тадқиқот, сохтор ва ҳаҷми кор маълумот дода шудааст.

Боби якум – «**Низоми ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқ ва оилаҳои ҳуқуқӣ: таҳлили назариявию ҳуқуқӣ»** ном дошта, аз се зербоб (параграф) иборат аст. Дар онҳо мафҳумҳои «низоми ҳуқуқ», «низоми ҳуқуқӣ» ва «оилаи ҳуқуқӣ», сохтори низоми ҳуқуқӣ ва таснифоти низомҳои ҳуқуқӣ ва оилаҳои ҳуқуқӣ бо назардошти воқеияти ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон муфассал таҳлил карда шудаанд.

Зербоби якум **«Мафҳуми низоми ҳуқуқӣ ва муносибати он бо низоми ҳуқуқ ва оилаи ҳуқуқӣ»** ба таҳлили моҳияти категорияҳои ҳуқуқӣ ва муносибати онҳо, омузиши муносибатҳои низоми ҳуқуқӣ бо низоми ҳуқуқ ва оилаи ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Муаллиф пас аз таҳлили асарҳои зиёди бо ин ё он тарз ба мафҳумҳои асосии кори диссертатсионӣ алоқаманди олимони ҳуқуқшинос ба хулосае омадааст, ки ҳангоми ҳалли масъалаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд фарқи байни низоми ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқ, ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати аҳамият, ба эътибор гирифта шавад.

Низоми ҳуқуқии як давлати миллӣ тамоми воқеияти ҳуқуқиро фаро мегирад, ки аз сарчашмаҳои ҳуқуқ сар карда то мақомоти амаликунандаи онҳо чи давлатӣ ва чи ҷамъиятиро, ҳатто бо назардошти фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии як халқи муайянро дар бар мегирад. Дар навбати худ, низоми ҳуқуқ дар ҳақиқат сохтори дохилии ҳуқуқи объективиро инъикос менамояд, ки бо мавҷудият ва алоқамандии

унсурҳои он (меъёрҳо, ниҳодҳо, зерсохторҳо, соҳаҳо) тавсиф меёбад, яъне он сохти дохилии ҳуқуқи дар давлат амалкунанда мебошад.

Муаллиф инчунин мафҳумҳои «низоми ҳуқуқ» ва «низоми ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун ду ҷиҳати муҳими зуҳуроти як ҳодиса - ҳуқуқ ба таври муфассал таҳлил кардааст. Низоми ҳуқуқии давлати миллӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқ дар маҷмӯъ ба ҳисоб рафта, он бо давлат ва ҷомеаи мушаххас робитаи зич дорад ва бо шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ халқи мушаххас, ки имрӯз аксаран миллат номида мешаванд робитаи имманентӣ дорад. Низоми ҳуқуқро бошад, диссертант ҳамчун сохтор ва ҳолати қисмҳои ҳуқуқ ва падидаи танзимгари иҷтимоӣ тавсиф ва таҳлил мекунад.

Дар зербоби дуюм «**Сохтори низоми ҳуқуқӣ ва унсурҳои асосӣ»** – муаллиф ба омӯзишу шарҳи таърифҳои унсурҳои асосӣ ва таснифоти онҳо, таҳлили раванди ташаккули сохтори ҳуқуқи низоми ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои он пардохтааст.

Муаллиф таърихи инкишофи категорияҳои ҳуқуқии марбут ба тадқиқоти илмии пешниҳодшуда ва сохтори ҳуқуқро дар илми ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ муфассал баррасӣ намуда, ба асарҳои ҳуқуқшиносони маъруф С.С. Алексеев, В.С. Нерсесянс, Р.Ш. Шарофзода ва олими чинӣ Дин Лин Хуа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Муаллиф аз омӯзиши сохтори низоми ҳуқуқӣ ва таҳлили мавқеи олимон ба хулосае меояд, ки дар мавриди унсурҳои низоми ҳуқуқӣ олимон фикру ақидаҳои гуногун доранд. Гуногунандешии олимон оид ба сохтори низоми ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки низоми ҳуқуқӣ падидаи ба дараҷаи кофӣ динамикӣ, чандирӣ ва тадриҷан инкишофёбанда мебошад ва ин хусусияи низоми ҳуқуқӣ барои ҳаёти ҳуқуқӣ хеле муҳим аст. Дар заминаи мавзуи мавриди баррасӣ муаллиф фаҳмиши худро дар бораи сохтори низоми ҳуқуқӣ баён кардааст.

Дар зербоби сеюм – «**Таснифи низомҳои ҳуқуқӣ ва оилаҳои ҳуқуқӣ бо назардошти воқеияти ҳуқуқии чинӣ»** – муаллифи рисолаи номзадӣ типологияи низомҳои ҳуқуқӣ, оилаҳои ҳуқуқӣ дар таърихи илми ҳуқуқро таҳқиқ намуда, онҳоро бо воқеияти ҳуқуқии низоми ҳуқуқии Чин муқоиса мекунад. Хусусияти асосии низоми ҳуқуқии Чин принсипи «як давлат – ду низом» мебошад.

Дар асоси таҳлил муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки низомҳои ҳуқуқии давлатҳои миллиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: аз рӯи шаклҳои идоракунӣ – демократи, монархӣ, монархияи конститутсионӣ; аз рӯи шаклҳои сохти давлатӣ – унитарӣ, федеративӣ, конфедеративӣ; аз рӯи шаклҳои идоракунии иқтисодиёт, типи идеология ва ташкили ҳокимият – низомҳои ҳуқуқии сотсиалистӣ, капиталистӣ ва омехта; аз рӯи типҳои таърихии давлат ва ҷамъият – низомҳои ҳуқуқӣ-давлатии ибтидоӣ, деҳқонӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, сотсиалистӣ, баъдисотсиалистӣ, инчунин низомҳои ҳуқуқии мамлакатҳои тараққиёбанда ва давлатҳои демократии тараққикарда. Ҳамзамон, низомҳои ҳуқуқиро бо назардошти муносибати ҳуқуқ ба дин (динӣ, дунявӣ, секулярӣ, либералӣ) ва бо назардошти ҳокимияти сиёсӣ (демократӣ, либералӣ-демократӣ) ҷудо кардан мумкин аст.

Боби дуюм **«Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин: умумиятҳо ва хусусиятҳо»** низ аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал – **«Низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузории**

**Тоҷикистон ва Чин»** – муаллиф қайд мекунад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ низомҳои муосири ҳуқуқи Тоҷикистону Чин гоҳе ба оилаи романию олмонӣ, ки дар он ҳуқуқи статутӣ (қонунӣ) мавқеъи бартарӣ дорад, нисбат дода мешаванд. Дар Чин, Тоҷикистон ва бисёр кишварҳои пасошӯравӣ ҳалномаи судӣ расман ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда нашудааст, гарчанде ки таҷрибаи судӣ ба амалияи судӣ таъсир мерасонад. Дар амалияи юридикии Тоҷикистон дар ҳалли парвандаҳои судӣ – чи ҳуқуқи гражданӣ ва чи ҳуқуқи ҷиноятӣ, чи тавре ки муаллиф кайд мекунад, Қарори Суди Олии ҷумхурӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Тартиботи ҳуқуқии Чинро муҳаққиқон ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ эътироф мекунанд: дар он қонуни анъанавии Чин, ки ба фарҳанг ва урфу одатҳои миллӣ асос ёфтааст, бо қонуне, ки аз дигар фарҳангҳои ҳуқуқӣ гирифта шудааст, ҳамоҳанг аст.

Муаллиф муътақид аст, ки дар Тоҷикистон низ чунин дихотомияро метавон шартан ба вуҷуд овард, зеро низоми ҳуқуқии он ҳам унсурҳои ҳуқуқи анъанавии таърихӣ ва ҳам унсурҳои аз низомҳои ҳуқуқии давлатҳои дигар гирифташударо дар бар мегирад. Аммо фарқи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, ба назари ӯ, дар он аст, ки арзишҳои миллӣ ва байналмилалие, ки дар як низоми ҳуқуқӣ муттаҳид шудаанд, бо ҳам мухолиф нестанд. Дар мавриди низоми ҳуқуқии Чин метавон гуфт, ки дар он ду принсипи гуногуни ҳуқуқро мушоҳида кардан мумкин аст, ки баъзан ба ҳамдигар мухолифанд, вале бо вуҷуди ин дар як низоми ҳуқуқ муттаҳид шудаанд. Ба ҳамин тариқ, дар Чин ҳуқуқи капиталистӣ ва ҳуқуқи сотсиалистӣ дар доираи як давлат амал мекунанд. Амммо дар воқеъ тафаккури сотсиалистӣ, ки ба манфиатҳои маънавӣ ва коллективӣ нигаронида шудааст, расман тарғиб карда мешавад.

Дар Тоҷикистон парадигмаи ташаккули ҳуқуқ бо як фарҳанги таърихии ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Решаҳои низоми ҳуқуқии он ба гузаштаи таърихӣ бармегарданд, ки дар он ҷо аз рӯи марҳилаҳои инкишофи шаклҳои давлатӣ шаклҳои гуногуни ҳуқуқ – зардуштӣ, одатӣ, буддоӣ-кушонӣ, мусулмонӣ, империалистии рус, ҳуқуқи сотсиалистӣ, романию германӣ вуҷуд доштанд. Таъсири ин низомҳои ҳуқуқӣ дар анъанаҳо ва урфу одатҳои ҳуқуқӣ дар доираи ҳифзи арзишҳои ҳуқуқ ба гунае нигоҳ дошта мешаванд.

Дар диссертатсия инчунин намудҳои гуногуни сарчашмаҳои ҳуқуқ – урфу одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии судӣ, шартномаи меъёрӣ, принсипҳои ҳуқуқ, таълимоти ҳуқуқӣ, матнҳои динӣ (аҳкоми дин) ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ дар воқеиятҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд.

Дар зарбоби дуюм – **«Сарчашмаҳои ҳуқуқ дар Чин ва Тоҷикистон»** – муаллиф масъалаҳои шакли ҳуқуқ ва намудҳои он дар низомҳои ҳуқуқии ду кишвар, таърихи таҳаввули шакли сарчашмаҳо на танҳо дар Чину Тоҷикистон, балки берун аз ин давлатҳоро низ баррасӣ кардааст.

Ба ақидаи ӯ мафҳуми «манбаъҳои ҳуқуқ»-ро муаррихи Рими қадим Тит Ливий ҳангоми тавсифи Қонунҳои XII ҷадвал истифода кардааст. Сарчашмаҳои ҳуқуқ аз ҷониби муаллиф аз ҷиҳати моддӣ, идеалӣ ва расмӣ баррасӣ мешаванд.

Санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ омӯхта мешавад.

Тибқи андешаи муаллиф, чиниҳо аз замонҳои қадим низоми ҳуқуқии пешрафта доштанд. Дар масъалаи сарчашмаи ҳуқуқи онҳо - қонунҳо ва фармонҳои императорони Чин ҳамеша нақши муҳими танзимкунанда бозиданд. Дар бораи дурустии таърифи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» дар ҳуқуқшиносии муосири Чин баҳсу мунозира нест, аммо барои ворид намудани ин истилоҳ ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳанӯз ҳам ба навъе мушаххас кардани мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» зарур аст. Чиниҳо дар таърих дар бораи пайдоиши ҳуқуқ назари алоҳида доштанд. Фарзандони Осмон ва пайравони Буддо, пайравони Лао тсзи ва Конфутсий сарчашмаҳои ҳуқуқро ба таври дигар мефаҳмиданд. Ба ақидаи мутахассиони таърихи ҳуқуқи чинӣ дар Чини қадим тафовути соҳаҳои дониши ҳуқуқӣ вуҷуд надошт, низоми ҳуқуқ яксон буд. Давлат вазифаҳои муҳофизатиро (国之大事，唯祭与祀) иҷро мекард, ки бо воситаҳои сиёсӣ, ҳокимият, танзими ҳуқуқӣ алоқаманд буданд. Дар баробари ин, дар забони қадимии чинӣ қонун, низоми судӣ (法), қонунҳо (律） ва ҷазо (刑）) бо истилоҳҳои хос ишора мешуданд.

Муаллифи рисола маҳз ба ҳамин ҷиҳати шабоҳат ва якхела будани падидаҳои ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи тоҷик таваҷҷуҳ кардааст. Дар байни тоҷикони қадим ва асримиёнагӣ вожаҳои «ҳақ», «ҳақиқат», «адолат», «инсоф», «қонун», «ростӣ» ва «қонунӣ»- ро як падидаи умумии илмӣ – «ҳуқуқ» муттаҳид кардааст.

Ҳамин тариқ, сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии муосири Чин қонунест, ки соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятро танзим мекунад. Гузашта аз ин, теъдоди қонунҳо дар Чин нисбат ба Тоҷикистон ба маротиб камтар аст.

Дар рисола сарчашмаҳои ҳуқуқ ва раванди қонунгузорӣ дар низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин таҳлил шуда, дар ин замина таъкид карда мешавад, ки ҳаёти ҳуқуқии халқҳои ин давлатҳо ҳамчун давлатҳои шарқӣ қариб ҳамеша таҳти таъсири аҳкому эътиқоди динӣ ва арзишу муқаддасоти фарҳангӣ қарор гирифта буд ва вижагии он низ дар ҳамин ифода ёфтааст. Ин бунбасти ҳаёти ҳуқуқии чиниҳо ва тоҷикон дар сарчашмаҳои ҳуқуқ ва раванди қонунгузории ин кишварҳо осори худро гузоштааст.

Дар зербоби сеюм **«Вазъи ҳуқуқии шахс дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин»** – муаллиф қайд мекунад, ки принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии шахсро дар ҳар давлати демократӣ конститутсияи давлат муқаррар мекунад. Ба ғайр аз конститутсия, чунин давлатҳо қонунҳои махсус доранд, ки намудҳо ва категорияҳои шахсон, вазъи ҳуқуқии онҳо ва амалҳои ҳуқуқии имконпазирро муайян мекунанд. Ба чунин санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохил мешаванд.

Ин санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии шахсро дар ҷамъият ҳаматарафа ва пурратар муайян мекунанд. Табиист, ки ин қонунҳо дар баъзе мавридҳо ҳолати ҳуқуқии шахси алоҳидаро танзим намуда, ӯро бештар ҳамчун шахси мансуб ба давлати хориҷӣ ва ё умуман ҳамчун апатрид – шахси бешаҳрванд аз нуқтаи назари манфиатҳои давлат зикр мекунад.

Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатҳои демократӣ мебошанд, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон тибқи талаботи меъёрҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ, бечунучаро эътироф карда мешаванд. Дар ҶХЧ масъалаҳои шаҳрвандӣ дар баробари конститутсия бо санади махсуси ҳуқуқӣ – «Қонун дар бораи шаҳрвандии ҶХЧ аз соли 1980» танзим карда мешавад.

Боби сеюми диссертатсия – **«Рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ»** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал **«Таъсири ҷаҳонишавӣ ба тамоюлҳои рушди низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон: омилҳое, ки ба наздикшавии низомҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд»** – муаллиф ба баъзе далелҳои таърихие ишора мекунад, ки ба наздикшавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Чин таъсир расонидаанд, шароити воридшавии онҳоро ба созмонҳои минтақавию байналмилалӣ баррасӣ намуда, раванди бастани созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ ва шарикии стратегӣ ва бисёр мушкилоти дигари дорои хусусияти ҳамгироиро таҳлил мекунад.

Равандҳои глобалии ҷаҳон дар охири асри XX ба рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистону Чин таъсир расонд. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, Чин воқеан ягона давлати абарқудрати сотсиалистӣ боқӣ монд. ҶХЧ саҳву хатоҳои ИҶШС – иттифоқчии пештараи идеологии худро ба назар гирифта, ба таҳлили равандҳои ба амаломада дар доираи манфиатҳои Чин сари вақт шурӯъ намуд, сиёсати берунӣ ва сохти дохилии давлатиашро дуруст муайян кард. Ба шарофати татбиқи принсипи «як давлат, ду низом» сохти сотсиалистии ҶХЧ сифати баландтар «касб намуд». Маънои ин принсип дар он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи сотсиалистӣ дар давлат дар баробари меъёрҳое, ки муносибатҳои бозориро дар иқтисодиёт танзим мекунанд, амал мекунанд.

Низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар шароити ҷаҳонишавӣ аслан дар як самт рушд мекунанд, вале вазифаҳои дар ин ҷо гузошташуда гуногунанд. Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ташаккули иқтисоди бозаргонӣ, инкишофи фаъолияти озоди иқтисодӣ дар асоси моликияти хусусӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ дар доираи плюрализми сиёсию идеологӣ пурра нигаронида шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон, ки моҳи ноябри соли 1992 сарвари давлат интихоб шуд, нахустин сафари хориҷии худро ба ҶХЧ анҷом дод, ки дар натиҷаи он 9 марти соли 1993 давлатҳо дар Пекин Эъломияи муштарак оид ба принсипҳои таъсиси муносибатҳои Тоҷикистону Чинро имзо карданд. Ҳамкории Тоҷикистону Чин бар пояи 12 принсипи асосии Эъломияи муштарак, аз ҷумла, дар чаҳорчӯби принсипи дуюм, ки ҳуқуқи баробари ҳамаи давлатҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муқаррар кардааст, бунёд ёфтааст.

Имрӯз Тоҷикистон ва Чин ҳамчун ду кишвари дӯст робитаҳои наздики иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ доранд. Дар давраи аз соли 1992 то моҳи майи соли 2023 миёни Тоҷикистон ва Чин 97 аҳднома ва созишномаҳои дуҷониба баста шуда, ҳамаи онҳо дар парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва ниёзҳои дохилии ҷомеа, ногузирии робитаҳои берунии ҷумҳурӣ бо кишварҳои дӯст марҳила ба марҳила ташаккул ёфт.

Дар зербоби дуюм **«Рушди низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар чаҳорчӯби ҳамгироии ҳуқуқӣ (дар доираи СҲШ)»** – муаллиф механизмҳои ҳуқуқии равандҳои ҳамгироӣ миёни Тоҷикистон ва Чинро муфассал таҳлил

кардааст. Дар ин бобат созишномаҳои дутарафа ва бисёртарафа бо иштироки ду давлати дӯст чи дар доираи СҲШ ва чи берун аз он аҳамияти махсус доранд.

Муносибатҳои Тоҷикистону Чин то замони таъсиси СҲШ дар доираи бастани созишномаҳои зиёд дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, фарҳанг ва илм инкишоф ёфта буданд. СҲШ ҳамчун як созмони нави байналмилалӣ, ки сулҳу суботро дар қаламрави кишварҳои аъзои ин созмон таъмин мекунад, барои онҳо уфуқҳои нави ҳамкорӣ боз кардааст.

Натиҷаи ин ҳамкориҳо бешубҳа раванди ҳамгироии ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқии ду давлат аст. Тоҷикистон ва Чин заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳоро омода намуда, на танҳо бо бисёр хусусиятҳои низомҳои ҳуқуқии ҳамдигар шинос шуданд, балки механизмҳои ҳуқуқии робитаи меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқии ду кишварро таҳия намуданд. Тасдиқ ва татбиқи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Чин ва табдили минбаъдаи онҳо ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистону Чин ба раванди ҳамгироии низоми ҳуқуқии ин давлатҳо такони тоза бахшид.

Шартномаи ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 15 январи соли 2007 ва Эъломияи Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди минбаъдаи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, ки 26-27-уми моҳи августи соли 2008 дар Душанбе қабул гардид, принсипҳо ва самтҳои асосии ҳамкориҳои ду кишварро муайян кард.

Солҳои 2001-2022 аз ҷониби мақомоти олии СҲШ 133 шартнома ва изҳороти оммавӣ қабул карда шуданд, ки ҳадафу вазифаҳои низомҳои ҳуқуқиро ҳам дар доираи танзими дохилӣ ва ҳам дар доираи байналмилалӣ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунанд. Муаллиф СҲШ-ро ҳамчун як организми зиндаи сиёсӣ ва ҳуқуқии байналмиллалӣ медонад, ки ҳадафҳои бузурги глобалии он аз ҳадафҳои ҷаҳони ғарбӣ фарқ мекунанд.

## ХУЛОСА

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба муаллиф имкон дод, ки хулосаҳои назариявии зеринро асоснок ва таҳия намояд:

1. Низоми ҳуқуқӣ вобаста ба ҳолат ва муносибати унсурҳои он, бо назардошти аҳамият, воқеӣ ва имтиёзнокии онҳо метавонад тағйир ёбад. Мавқеи низоми ҳуқуқӣ низ ба унсурҳои сохторӣ тобеъ буда, аз ҳолат, хусусият ва дараҷаи инкишофи онҳо вобаста аст. **[3-М].**

2. Таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқӣ дар илми назарияи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба эҳтиёҷоти илмҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари маърифатӣ ва тарбиявии тавсеаи фазо вобаста аст. Ҳангоми муқоисаи низомҳои ҳуқуқӣ муҳаққиқон аз ҷиҳати методологӣ имконият пайдо мекунанд, ки ҳамаи қишрҳои низоми ҳуқуқиро амиқтар омӯзанд. Гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии низомҳои ҳуқуқӣ низ қабл аз ҳама бо мақсади инкишофи низоми ҳуқуқӣ сурат мегирад. **[3-М].**

3. Дар таърихи ҳуқуқи Чин ва Тоҷикистон марҳилаи муҳими тараққиёти ҳамоҳанг типи феодалии ҳуқуқ мебошад, ки дар ҳазораи 1-уми милодӣ ҳам дар Чин ва ҳам дар Тоҷикистон оғоз шудааст ва то ибтидои асри XX идома ёфтааст. Дар маҷмуъ таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон ва Чин дар аҳди қадим ва Асрҳои миёна зери таъсири авомили сабабҳои мухталиф умумият ва вижагиҳои хосаро доранд. Оғоз

аз аҳди қадим, мо умумиятҳоро дар шаклҳо, намудҳо ва соҳаҳои меъёрҳои ҳуқуқ эҳсос карда, муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро дар шаклҳои соҳибмулкӣ, бо вижагиҳои дастаҷамъии моликияти фардию хусусӣ ошкор менамоем. **[5-М; 6-М].**

4. Низомҳои ҳуқуқии мамлакатҳои ҳозираи демократӣ, аз ҷумла Чин бо унсурҳои омехтаи сотсиалистӣ ва капиталистӣ (бо усули «як кишвар ва ду низом») ва Тоҷикистон бо тамоюли капиталистӣ ва демократӣ дар марҳалаи ҳозираи тараққиёт як қатор умумият ва ҳусусиятҳо доранд. Чунин умумият ва вижагиҳои низомҳои ҳуқуқӣ аз назари таърихи асосҳои худро доранд. **[4-М].**

5. Дар низоми ҳуқуқии Чин таҳияи лоиҳаи санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ тибқи қонун ба як мақоми махсуси дорои шӯъбаҳои дахлдор вогузор карда мешавад. Дар Тоҷикистон ин ҳуқуқ маҳдуд нест ва дар ин раванд созмонҳои гуногуни давлатӣ, илмӣ ва ҷамъиятӣ метавонанд ҷалб карда шаванд. Маҳдудияти қатъии доираи иштироккунандагони тартиб додани санади қонунгузорӣ дар ҶХЧ, ба эҳтимоли зиёд, бо манфиатҳои идеологии давлати сотсиалистӣ, ки ба муҳофизати ҳаматарафа эҳтиёҷ доранд, алоқаманд аст.

6. Дар низоми ҳуқуқии Чин ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи қонун ду намуди расмиёт мавҷуд аст: тартиби қарор дар бораи ба рӯзномаи маҷлис дохил кардани лоиҳаи қонун ва тартиби ҳалли масъалаи ҳамчун қонун тасдиқ шудан ё нашудани лоиҳаи қонун. Ин ду савол дар назари аввал ба як ҷиҳат – ба тайёр кардани лоиҳаи қонун дахл доранд, вале ҳангоми муҳокима ва ба миён гузоштани саволҳои мушаххас мо ба ҳодисаҳои нави такмили лоиҳа дучор меоем.

7. Ба ғайр аз раванди ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои аъзои СҲШ, дар доираи ҳадафҳо, вазифаҳо ва арзишҳои умумибашарӣ, таҳти таъсири ҷомеаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ раванди мутавозин ва дусатҳаи ҳамгироӣ идома дорад. Раванди ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии давлат- аъзоҳои СҲШ , аз ҷумла Тоҷикистон ва Чинро мумкин аст бо чунин асосҳо тасниф кард:

1. Бо асосҳои мазмунӣ-ҳуқуқӣ.
2. Дар паҳнои амали шартномаҳои байналмилалии СҲШ.
3. Зери таъсири субъектҳои қабули меъёрҳои байналмилалии СҲШ.
4. Вобаста ба навъи меъёрҳои байналмилалии СҲШ.
5. Вобаста ба фаъолнокии аъзои СҲШ дар муносибатхои дутарафа ва бисёртарафа.

8. Дар муносибатҳои Тоҷикистону Чин инчунин шартномаҳои махсуси ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки танҳо ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба категорияҳои алоҳидаи шахсон дахл мекунанд. Ба чунин санадҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятии соли 1996 дохил мешаванд.

9. Ҳаёти ҳуқуқии халқҳои Тоҷикистону Чин ҳамчун халқҳои шарқӣ қариб ҳамеша зери таъсири анъанаҳои динӣ ва фарҳангӣ қарор дошт, ки хусусиятҳои онро пешакӣ муайян мекарданд. Чунин ҷудошавии ҳаёти ҳуқуқии ин халқҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқ ва равандҳои қонунгузории ин кишварҳо таъсири муайян гузошт. **[6-М].**

10. Муқоисаи шуури ҳуқуқии таҳаммулмеҳвар, ибтидоӣ, итоаткор, ба арзишҳои ахлоқӣ асос ёфтаи халқҳои Чин ва Тоҷикистон бо мақсади ғанӣ гардониданӣ фарҳанги ҳуқуқии ин ду халқ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ буда, аҳамият ва мубрами-

яти махсуси илмию амалӣ дорад. Маҳз дар асоси ҳамин гуна ҳисси адолатпарварӣ чиниҳо ва тоҷикон бисёр сарчашмаҳои ҳуқуқи шаклан гуногун, аммо мазмунан ҳамгун ва ҳамоҳангро эҷод ва қабул кардаанд. **[11-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар ҷараёни омӯзиши муқоисавии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин ва таҳлили равандҳои ҳамгироии ҳуқуқии байни онҳо муаллиф ба мушкилоти муайяни ҳуқуқӣ ва амалӣ дучор омадааст, ки бартараф намудани онҳо бояд ба такмили низоми ҳуқуқӣ ва равандҳои ҳамгироии ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар сатҳи нави байнидавлатӣ мусоидат намояд. Муаллиф оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои амали субъектҳои равандҳои ҳамгироӣ як қатор пешниҳодҳои амалӣ таҳия кардааст:

1. Таҷрибаи қабули қонунҳо оид ба баъзе муносибатҳои ҳуқуқии начандон муҳим ба инкишофи пурмазмуни низомҳои ҳуқуқӣ мусоидат намекунад. Дар асоси ин дар ояндаи наздик дар заминаи даҳҳо санадҳои қонунгузории соҳаҳои алоҳида ва соҳаҳои танзими ҳуқуқӣ қабули кодексҳои оид ба маориф, ҳуқуқи интихобот, экология ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст.

2. Моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Қонун санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор қатъиян бо тартиби муқарраргардида қабул гардида, муносибатҳои аз ҳама муҳим ва арзишманди ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Қонун дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар ду хониш қабул шудааст. Дар хониши аввал саволҳои зерин баррасӣ карда мешаванд:

- зарурият ва аҳамияти қабули қонун барои ҳаёти ҳуқуқии ҷумҳурӣ;
- аҳамият ва моҳияти қонун барои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар;
- мавҷуд набудани асос барои танзими ин муносибатҳо бо санадҳои зерқонунии меъёрӣ;
- баррасии пешниҳоди Ҳукумат, шуъбаи соҳавӣ ва хулосаи шӯрои коршиносон оид ба зарурати қабули қонун;
- баррасии сохтори умумии қонун аз рӯи фаслҳо ва бобҳо.

Дар хониши дуюм қонун аз рӯи моддаҳо баррасӣ мешавад».

3. Ҳангоми муайян кардани мазмун ва амалияи тартиб додани муқаррароти ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқии дорои хусусияти қонунгузорӣ Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар баробари таҷрибаи давлатҳои ИДМ таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чинро омӯзад, ки дар он, дар муқоиса бо душвориҳои вазъияти ҳозираи ҳуқукшиносии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, дар баъзе мавридҳо диспозитсия, хусусияти доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва аҳамияти объекти танзимшаванда нисбатан саҳеҳ, мухтасар ва дақиқтар ифода ёфтаанд.

4. Муаллиф бо мақсади ҳамаҷониба омӯхтани ҳамоҳангии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ба ҳам алоқамандии онҳо дар низомҳои ҳуқуқии ду давлат пешниҳод менамояд, ки дар назди вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади омӯзиши таҷрибаи ҳамкорӣ ва инкишоф додани муносибатҳои Чин ва Тоҷикистон гурӯҳҳои махсуси корӣ ташкил карда шаванд.

5. Муаллиф дастурҳои сиёсии Пешвои миллатро оид ба густариши муносибатҳои дӯстона дар ҳама соҳаҳо бо тамоми давлатҳо ва бозигарони пешбари сиёсӣ ба роҳбарӣ гирифта, риояи ҳатмии манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлоли иҷтимоию иқтисодии кишварро зарур мешуморад.

6. Муаллиф бо мақсади рушди ҳамкориҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин пешниҳод менамояд, ки дар назди кафедраи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба омӯзиши низоми ҳуқуқии Чин ва дар яке аз донишгоҳҳои пешқадами Чин – оид ба омӯзиши низоми ҳуқуқии Тоҷикистон курсҳои махсуси таълимӣ ташкил карда шаванд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Монография:

Холиқов Н.А. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Абурайҳони Берунӣ (монография) [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, Н.А. Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 144 с.

### II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд:

**[1-М].** Холиков, Н.А. Тернистый путь разума к праву [Текст]/ Н.А. Холиков, А.Г. Холикзода. // Правовая жизнь. – 2019. – № 4 (28). – С. 14-29. ISSN 2307 – 5198.

**[2-М].** Холиков, Н.А.  Социализация индивида и проблемы прав человека[Текст]/ Н.А. Холиков, А.Г. Холикзода // Юридическая наука: история и современность. Санкт - Петербург– 2021. –№8. –С. 164-177. № ФС 77 – 40503.

**[3-М].** Холиков, Н.А. Ещё раз к вопросу о системе права, правовой системе и правовой семье[Текст] / Н.А. Холиков. // Правовая жизнь. – 2022.  № 3 (39). – С. 58-69. ISSN 2307 – 5198.

**[4-М].** Холиков, Н.А. Правовые нюансы принципа «одно государство, две системы» в современном мире: перспективы и проблемы [Текст]/ Н.А. Холиков // Государствоведение и права человека. –2022. – № 3 (27). – С. 105-114. ISSN 2414 9217.

**[5-М].** Холиков, Н.А. Истоки и особенности становления правовых систем Таджикистана и Китая: сравнительно-правовой анализ [Текст]/ Н.А. Холиков, Р.Ш. Шарофзода // Государствоведение и права человека. – 2023. – № 2 (30). С. 17-28. ISSN 2414 9217.

**[6-М].** Холиков, Н.А. К вопросу особенностей становления права и общественного строя древнего Китая и Таджикистана: сравнительно-правовой анализ [Текст]/ Н.А. Холиков // Вестник Таджикского национального университета. – 2023. – №8. С. 214-221. ISSN 2413 5151.

### III. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмию амалӣ нашр шудаанд:

**[7-М].** Холиков, Н.А. Нелегкий путь социализации и проблемы познания прав человека [Текст] / Н.А. Холиков, А.Г. Холикзода. // Правовая жизнь. –2018. – № 4 (24)-С. 29-45. ISSN 2307 – 5198.

**[8-М].** Холиқов, Н.А. Соҳибихтиёрии халқӣ ва давлатӣ: таносуби озодиҳои ботинӣ ва зоҳирии давлат дар партави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Холиқов, А.Ғ. Холиқзода. // Маҷмуа: Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо. – Душанбе, – 2019.- С. 22-31. ISBN 99975-73-64-3.

**[9-М].** Холиқов, Н.А. Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва коллективӣ дар мизони соҳибихтиёрии давлатӣ [Матн]/ Н.А. Холиқов, А. Ғ. Холиқзода, К.Ҷ. Ҷамшедзода. // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – 2020. С. 27-49. ISBN 978-99975-73-64-3.

**[10-М].** Холиков, Н.А. Общая характеристика правовых систем Китая и Таджикистана [Текст]/ Н.А. Холиков, О.А. Холикова. // Права человека в процессе глобализации: материалы республиканской научно-теоретической конференции. – Душанбе, - 2021. С. 133-140. ISBN 978-99975-39-85-4.

**[11-М].** Холиков, Н.А. Структура правовой системы и её основные элементы. [Текст]/ Н.А. Холиков // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Қонуни миллӣ-заминагузори навсозӣ ва рушди фарҳанги миллӣ". Душанбе. ҶДММ "Балоғат" 2023. С.153-163.

**[12-М].** Холиқов, Н.А. Қонунҳои миллӣ воситаҳои ҳуқуқии ислоҳоти ҷомеа. [Текст]/ Н.А. Холиқов, Холиқзода А.Ғ. // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Қонуни миллӣ-заминагузори навсозӣ ва рушди фарҳанги миллӣ". Душанбе. ҶДММ "Балоғат" 2023. С.5-17.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертационное исследование Холикова Нурмухаммада Абдурахимовича на тему «Правовая система Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики: теоретико-правовой и сравнительно-правовой анализ интеграционных процессов», на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве**

***Ключевые слова***: *правовая система, система права, правовая семья, структура права, традиция права, норма права, история права, закон, система законодательства, обычаи, правовой статус, источники права, форма права, регулятивные функции права, государства, национальное государство, интеграционные процессы, глобализация, сравнительный анализ, правовые механизмы, ШОС, договор, международные договора.*

Целью диссертационного исследования является теоретико-правовой и сравнительно-правовой анализ правовых систем Таджикистана и Китая на фоне углубления интеграционных процессов.

*Кандидатская диссертация Холикова Нурмухаммада Абдурахимовича посвящена изучению* правовых систем Таджикистана и Китая в свете глобальных и интеграционных процессов, происходящих в современном мире. В работе подробно исследован понятийный аппарат, касающийся темы диссертации, в частности такие понятия, как «система права», «правовая система», «правовая семья» и «традиция права». Проведен анализ соотношения правовой системы с системой права и правовой семьей в контексте принадлежности правовых систем Таджикистана и КНР к правовым семьям. Также раскрыты понятия, структура и особенности правовых систем Таджикистана и КНР. Выявлено общее и специфическое в правовых системах Китая и Таджикистана в древности, в средневековье и в современный период.

Особое внимание уделено сравнительно-правовому анализу правовых систем Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики, конкретизированы общие и особенные признаки правовых систем в процессе их развития; исследованы система права и законодательства Китая и Таджикистана, источники права этих стран; проведен сравнительный анализ правового статуса личности в их правовой системе; подробно проанализированы тенденции развития упомянутых правовых систем в условиях глобализации и правовой интеграции; указана роль ШОС в определении перспектив интеграции правовых систем Таджикистана и Китая.

На основе проведенного анализа, разработан ряд теоретических и практических предложений, которые значительно повышают значимость проведенного исследования, и подтверждают новизну работы. Предложенные рекомендации и положения, выносимые на защиту, с учетом важности интеграционных процессов и развития правовых систем Таджикистана и Китая, как двух дружественных стран, стратегических партнёров, и в рамках регионального и международного сотрудничества, прямо способствуют совершенствованию правовых реалий таджикского и китайского народов.

Практические рекомендации автора по улучшению законодательства РТ в направлении развития правового сотрудничества между КНР и Таджикистаном – это вклад автора в укрепление тех отношений, которые сложились между этими двумя странами.

# АННОТАТСИЯ

**оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Холиқов Нурмуҳаммад Абдураҳимович дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-муқоисавии равандҳои ҳамгироӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

***Калидвожаҳо***: *низоми ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқ, оилаи ҳуқуқӣ, сохтори ҳуқуқ, анъанаи ҳуқуқӣ, волояти ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, расму оин, вазъи ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, шакли ҳуқуқ, вазифаҳои танзимкунандаи ҳуқуқ, давлатҳо, давлати миллӣ, равандҳои ҳамгироӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳлили муқоисавӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, СҲШ, шартнома, шартномаҳои байналмилалӣ.*

Мақсади таҳқиқоти дисертатсионӣ таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳукуқии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар шароити тавсеа ёфтани равандҳои ҳамгироӣ мебошад.

Рисолаи номзадии Холиқов Нурмуҳаммад Абдураҳимович ба омӯзиши низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин дар партави равандҳои глобалӣ ва ҳамгироӣ дар ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Дар мақола дастгоҳи консептуалии марбут ба мавзуи рисола, аз ҷумла мафҳумҳо ба мисли «низоми ҳуқуқ», «низоми ҳуқуқӣ», «оилаи ҳуқуқӣ» ва «анъанаи ҳуқуқӣ» ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Таносуби низоми ҳуқуқӣ бо низоми ҳуқуқ ва оилаи ҳуқуқӣ дар заминаи мансубияти низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин ба оилаҳои ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад. Мафҳумҳо, сохтор ва хусусиятҳои низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин низ баён шудаанд. Хусусиятҳои умумӣ ва вижагиҳои хос дар низомҳои ҳуқуқии Чин ва Тоҷикистон дар давраи қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ошкор карда шудаанд.

Ба таҳлили муқоисавӣ-хуқуқии низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин таваҷҷуҳи махсус дода шуда, хусусиятҳои умумӣ ва махсуси низомҳои ҳуқуқӣ дар раванди инкишофи онҳо мушаххас карда шудаанд; низоми ҳуқуқ ва қонунгузории Чин ва Тоҷикистон, сарчашмаҳои ҳуқуқ дар ин кишварҳо таҳқиқ шудаанд; таҳлили муқоисавии вазъи ҳуқуқии шахс дар низомҳои ҳуқуқии онҳо гузаронида шудааст; тамоюлҳои рушди низомҳои ҳуққуқии зикршуда дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҳуқуқӣ муфассал таҳлил карда шудаанд; нақши СҲШ дар муайян кардани дурнамои ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Чин нишон дода шудааст.

Дар асоси таҳлил як қатор пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ тартиб дода шудаанд, ки аҳамияти тадқиқотро хеле баланд мебардоранд ва навоварии корро тасдиқ мекунанд. Тавсияҳо ва муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда бо дарназардошти аҳамияти равандҳои ҳамгироӣ ва рушди низомҳои ҳуқуқии Тоҷикистону Чин ҳамчун ду кишвари дӯст, шарикони стратегӣ ҳам дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳам байналмилалӣ, мустақиман ба такмили воқеияти ҳуқуқии халқҳои Тоҷикистон ва Чин саҳми худро мегузорад.

Тавсияҳои амалии муаллиф оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди ҳамкориҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ифодагари саҳми муаллиф дар таҳкими муносибатҳои байни ин ду кишвар мебошад.

## ANNOTATION

**for the dissertation research of Kholikov Nurmuhammad Abdurahimovich on the topic: "Legal system of the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China: theoretical and comparative legal analysis of integration processes", submitted for the degree of candidate of Law in the specialty 12.00.01 - theory and history of law and states; history of the doctrines of law and the state**

***Key words:*** *legal system, system of law, legal family, structure of law, tradition of law, rule of law, history of law, law, system of legislation, customs, legal status, sources of law, form of law, regulatory functions of law, states, nation state, integration processes, globalization, comparative analysis, legal mechanisms, SCO, treaty, international treaties.*

The purpose of the dissertation research is the theoretical and comparative analysis of the legal systems of Tajikistan and China against the backdrop of deepening integration processes.

Dissertation of Kholikov Nurmuhammad Abdurahimovich is devoted to the study of the legal systems of Tajikistan and China in the light of global and integration processes taking place in the modern world. The conceptual apparatus related to the topic of the dissertation, in particular, such concepts as "system of law", "legal system", "legal family" and "tradition of law" are studied in detail. The correlation of the legal system with the system of law and the legal family is analyzed in the context of the belonging of the legal systems of Tajikistan and the PRC to the legal families. The concepts, structure and features of the legal systems of Tajikistan and China are also disclosed. The general and specific in the legal systems of China and Tajikistan in antiquity, in the middle ages and in the modern period are revealed.

Particular attention is paid to the comparative legal analysis of the legal systems of the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China:

the general and special features of legal systems in the process of their development are concretized;

investigated the system of law and legislation of China and Tajikistan, the sources of law in these countries;

a comparative analysis of the legal status of personality in their legal system was carried out;

analyzed in detail the trends in the development of the mentioned legal systems in the context of globalization and legal integration;

the role of the SCO in determining the prospects for the integration of the legal systems of Tajikistan and China is indicated.

Based on the analysis, theoretical and practical proposals have been developed that increase the significance of the study and confirm the novelty of the work. The proposed recommendations and provisions submitted for defense, taking into account the importance of integration processes and the development of the legal systems of Tajikistan and China, as two friendly countries, strategic partners, and within the framework of regional and international cooperation, directly contribute to the improvement of the legal realities of the Tajik and Chinese peoples.

The author's practical recommendations for improving the legislation of the Republic of Tajikistan in the direction of developing legal cooperation between China and Tajikistan are the author's contribution to strengthening the relations that have developed between these two countries.

Подписано в печать __.10.2023. Формат 60х84 1/16.
Бумага офсетная. Печать офсетная. Гарнитура Times New Roman Tj.
Усл. печ. л. 4,0. Тираж ___ экз. Заказ №__.